## ДАР ИМД АЗ КАДОМ ФАНҲО ИМТИҲОН МЕСУПОРАНД?

Ба ИМД фанҳои таълимии зерин ворид гардидаанд, ки барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба ихтисосҳои интихобнамудаи довталаб, донистани онҳо зарур аст:

- **забони тоҷикӣ;**
- **забон ва адабиёти тоҷик;**
- **забон ва адабиёти рус;**
- **забон ва адабиёти ӯзбек;**
- **забони хориҷӣ (англисӣ, немисӣ, франсавӣ, арабӣ);**
- **таърихи халқи тоҷик;**
- **таърих;**
- **асосҳои давлат ва ҳуқуқ;**
- **ҳуқуқи инсон;**
- **математика;**
- **физика;**
- **химия;**
- **биология;**
- **география.**

Тавсифи имтиҳон аз ҳар фанни таълимӣ, талабот ба дониш ва малакаю маҳорати довталаб, шарҳи саволу масъалаҳои тест (навъ ва миқдори саволу масъалаҳо, меъёри холгузорӣ, вақти иҷрои тест) дар барномаҳои имтиҳон муфассал шарҳ ёфтааст. Довталабон метавонанд барномаҳои имтиҳони ҳар фанни таълимиро аз сомонаи Марказ дастрас намоянд.

Чунонки гуфта шуд, дар низоми ИМД имтиҳонҳо ба ду қисм ҷудо шудаанд:

- **қисми А – имтиҳони умумӣ;**
- **қисми Б – имтиҳони ихтисос**.

### Қисми А (имтиҳони умумӣ)

Имтиҳони умумӣ барои ҳамаи довталабон, сарфи назар аз ихтисос(ҳо)-и интихобнамуда ҳатмист. Имтиҳони субтести забони тоҷикӣ ҳатман бо забони тоҷикӣ ва имтиҳони субтестҳои дигар вобаста ба интихоби довталаб дар давраи бақайдгирӣ тибқи талаботи муассисаҳои таълимӣ ва ихтисосҳои алоҳида бо забони тоҷикӣ ё русӣ баргузор мешавад. Саволу масъалаҳои тест дар асоси барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии амалкунанда таҳия мегарданд.

Дар имтиҳони умумӣ китобчаи тест аз се субтест иборат аст:

**1.** Субтести **забони тоҷикӣ** барои санҷиши дараҷаи дониш, малакаю маҳорати муошират ва салоҳиятҳои забонии довталаб пешбинӣ шудааст.

**2.** Субтести **математика** дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати математикии довталабро, ки дар зиндагӣ барои фаъолияти ҳамарӯза заруранд, муайян мекунад.

**3.** Субтести **таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ** барои санҷиши дараҷаи дониши довталаб аз таърихи давлатдории халқи тоҷик ва ҳуқуқу уҳдадориҳои ӯ ҳамчун шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст.

Барои ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳои се субтести қисми А **165 дақиқа** ҷудо шудааст.

## ҚИСМИ Б (ИМТИҲОНИ ИХТИСОС)

Дар имтиҳони ихтисос довталаб дар доираи гурӯҳи ихтисосҳои интихобнамудааш аз се фан имтиҳон месупорад. Дар ин имтиҳон вобаста ба гурӯҳи ихтисосҳо китобчаи тест аз се субтест иборат аст:

**Гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум:** ***математика, физика ва химия***.

**Гурӯҳи ихтисосҳои 2-юм:** ***математика, география ва забони хориҷӣ***. Довталаб дар интихоби яке аз забонҳои хориҷӣ (англисӣ, немисӣ, франсавӣ ва арабӣ) озод аст.

**Гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм:** ***забон ва адабиёт, таърих ва забони хориҷӣ***. Дар ин бахш довталабони ихтисосҳои самти:

- филологияи тоҷикро интихобнамуда аз забон ва адабиёти тоҷик,
- филологияи русро интихобнамуда аз забон ва адабиёти рус;
- филологияи ӯзбекро интихобнамуда аз забон ва адабиёти ӯзбек

имтиҳон месупоранд.

Забони имтиҳонсупорӣ барои тамоми дигар субтестҳо (ба истисноӣ субтести забони тоҷикии қисми А) дар ҳолати интихоби ихтисосҳои самти филологияи тоҷик – тоҷикӣ ва филологияи рус русӣ муқаррар карда мешавад. Дар сурати интихоби ихтисоси “Забон ва адабиёти ӯзбек” довталаб метавонад забони имтиҳонсупориро барои дигар субтестҳо тоҷикӣ ё русӣ интихоб намояд.

**Гурӯҳи ихтисосҳои 4-ум:** ***таърих, ҳуқуқи инсон ва забони хориҷӣ***.

**Гурӯҳи ихтисосҳои 5-ум:** ***химия, биология ва физика.***

Барои ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳои се субтести қисми Б **165 дақиқа** ҷудо шудааст.

## ИМТИҲОНҲОИ ЭҶОДӢ ВА МАҲОРАТ

Имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат (ИЭМ)-ро довталабоне месупоранд, ки ҳангоми дохил шудан ба муассисаҳои таълимӣ ба ихтисосҳои интихобнамудаи онҳо мувофиқи муқаррароти Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии эҷодӣ ва маҳорат лозим аст. Мақсади асосии ИЭМ санҷидани қобилияти эҷодию малакаи махсуси довталабон дар ихтисосҳоест, ки ба самтҳои санъат, варзиш, дизайн, меъморӣ, ҳайкалтарошӣ ва динӣ мансубанд.

ИЭМ-ро комиссияҳои имтиҳонӣ (фаннӣ)-и муассисаҳои таълимӣ дар макони ҷойгиршавии муассисаҳо мегиранд (ба ҷадвали 4, саҳифаи 35 нигаред).

Тартиби баргузорӣ ва мазмуни имтиҳонҳои эҷодӣ – қоидаҳои қабули имтиҳон, миқдори санҷиш дар доираи як ихтисос, меъёри баҳогузорӣ, мӯҳлати имтиҳон, оғоз ва анҷом, қоидаҳои рафтори довталаб дар имтиҳон ва дигар масъалаҳои вобаста ба онро муассисаҳои таълимӣ муайян ва манзури довталабон мегардонанд.

Натиҷаи ИЭМ-и ҳар як ихтисос, новобаста аз миқдори санҷиш, то 100 хол баҳогузорӣ мешавад. Холҳои аз ИЭМ бадастовардаи довталабон тавассути низоми 300-балӣ шкалабандӣ карда мешавад.

Имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат пеш аз ИМД, **аз 20-ум то 30-юми июн** баргузор мегарданд. Имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат барои довталабоне, ки дар давраи асосӣ бо сабабҳои узрнок иштирок карда натавонистаанд ё дар давраи бақайдгирии иловагӣ аз қайд гузаштаанд, рӯзҳои **6-ум ва 7-уми июл** доир мегарданд.

Довталабон ихтисосҳоеро, ки супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро талаб менамоянд, танҳо аз як муассисаи таълимӣ интихоб карда метавонанд. Дар сурати дар як муассисаи таълимӣ мавҷуд будани якчанд ихтисосе, ки имтиҳонҳои эҷодию маҳорати якхела доранд, довталаб метавонад аз ҳамин муассисаи таълимӣ якчанд ихтисосро интихоб намояд (рӯйхати пурраи ихтисосҳои дорои имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат бо фанҳои имтиҳон дар замимаи 3 оварда шудааст. Нигаред ба саҳифаи 111).

Масалан, ихтисосҳои (1) тармими асарҳои санъати ороишӣ-амалӣ, (2) дизайн аз рӯйи самтҳо, (3) санъати ороишӣ-амалӣ ва ҳунарҳои халқӣ, (4) санъати муҷассамавӣ-ороишӣ, (5) натиҷаи тасвирии филм, (6) дизайн (костюм ва газвор), (7) манзаранависӣ (мусаввирии дастгоҳӣ)-и Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон дар гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм ворид шудаанд. Талаботи супоридани ИЭМ барои ихтисосҳои номбурда ягона аст:

а) расмкашӣ,

б) мусаввирӣ,

в) композитсия.

Довталабон ҳангоми интихоби ихтисосҳо метавонанд ҳамаи ин 7 ихтисосро интихоб намоянд ва 1 маротиба ИЭМ супоранд. Холҳои аз ИЭМ бадастовардаи онҳо барои ҳамаи ихтисосҳои зикршуда эътибори баробар дорад.

Довталабоне, ки **танҳо** ихтисосҳои имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратдоштаро интихоб менамоянд, аз супоридани имтиҳонҳои ихтисос (**қисми Б)** озоданд.

Пеш аз оғози ИЭМ довталаб бояд ба комиссияи қабули муассисаи таълимӣ ҳозир гардида, аз талаботи имтиҳонҳо ва рӯзи машварат огоҳ шавад. Барои супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат дар муассисаҳои таълимии дахлдор “Варақаи бақайдгирӣ” (ба расмҳои 2.1-2.2, саҳифаҳои 20-21 нигаред) ва “Даъватнома”-и довталаб (ба расмҳои 13.1-13.4, саҳифаҳои 30-31 нигаред) ҳуҷҷати расмӣ ба ҳисоб меравад. Дар рӯзи имтиҳон, бар замми ҳуҷҷатҳои мазкур, бо худ овардани шиноснома ё ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ҳатмист.

Натиҷаи аз имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат бадастовардаи довталаб дар тақсимоти ӯ танҳо ба ихтисосҳое, ки чунин имтиҳонро талаб мекунанд, ба назар гирифта мешавад.

Вобаста ба навъи ихтисосҳо тартиби супоридани имтиҳонҳо чунин аст:

Ҷадвали 3.

| Имтиҳонҳо | Ихтисосҳои | |
|---|---|---|
| | навъи 1 | навъи 2 |
| **Қисми А (имтиҳони умумӣ)** | ☑ | ☑ |
| **Қисми Б (имтиҳони ихтисос)** | | ☑ |
| **Эҷодӣ ва маҳорат** | ☑ | |

**Навъи 1-ум** ихтисосҳоеро дар бар мегирад, ки супоридани имтиҳонҳои эҷодию маҳорат ва **танҳо** қисми А-ро талаб менамояд.

**Навъи 2-юм** ихтисосҳоеро дар бар мегирад, ки супоридани қисмҳои А ва Б-ро талаб менамояд.

Довталаб метавонад ҳар ду навъи ихтисосҳоро аз рӯйи ҳолатҳои имконпазири зерин интихоб намояд:

- танҳо ихтисосҳои навъи 1-ум;
- танҳо ихтисосҳои навъи 2-юм;
- ихтисосҳои навъҳои 1-ум ва 2-юм.

**!**

**ДИҚҚАТ!**

**Имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат бевосита дар муассисаҳои таълимии дахлдор пеш аз имтиҳонҳои қисмҳои А (умумӣ) ва Б (ихтисос) баргузор мегарданд.**

Ҷадвали 4.

**Муассисаҳои таълимии дорои ихтисосҳое, ки имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро талаб мекунанд**

| № | Ном |
|---|---|
| 1. | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ |
| 2. | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ |
| 3. | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров |
| 4. | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон |
| 5. | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ |
| 6. | Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав |
| 7. | Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев |
| 8. | Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода |
| 9. | Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов |
| 10. | Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит |
| 11. | Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент |
| 12. | Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон |
| 13. | Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд |
| 14. | Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб |